Тасдиқ мекунам
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
____________н.и.ф. Шарифзода Б.Б.
22-юми апрели соли 2022

**ХУЛОСАИ**

ҷаласаи якҷояи шуъбаҳои забони тоҷикӣ ва фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Ба диссертатсияи доктории Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи "Пажӯҳиши луғавӣ - маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ)", ки дар шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба анҷом расидааст.

Калонова Маҳина Ҷумабоевна соли 2012 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз рӯйи ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик бо дипломи аълочӣ хатм намуда, солҳои 2013-2015 дар шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таҳсил намудааст. Аз соли 2016 то 2018 дар кафедраи умумидонишгоҳии забони забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба ҳайси омӯзгор фаъолият намуда, соли 2017 диссертатсияи номзадиашро таҳти унвони "Калимасозии ҳиссаҳои номии нутқ (исм ва сифат) дар ашъори Ҳофизи Шерозӣ" бо роҳбарии доктори илми филология, профессор Ваҳҳобов Толиб ба дифоъ расонидааст ва аз соли 2018 то имрӯз дар кафедраи забони тоҷикии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" дар вазифаи дотсенти кафедра фаъолият дорад.

Калонова Маҳина Ҷумабоевна муаллифи беш аз 50 мақолаи илмӣ, 2 монография, 2 дастури таълимӣ мебошад.

Муаллифи диссертатсия унвонҷӯйи шуъбаи забони тоҷикии ба номи Рӯдакии АМИТ мебошад. Мушовири илмӣ доктори илми филология Қосимов Олимҷон Ҳабибович мебошад.

Диссертатсия дар ҷаласаи якҷояи шуъбаҳои забони тоҷикӣ, фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 22.04.2022, протоколи №4/22 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ шуд:**

Диссертатсияи Калонова М.Ҷ. ба мавзуи калимасозӣ ва лексикаи асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ) бахшида шуда, аз муқаддима, 3 боб, хулосаҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Мавзуи мавриди таҳқиқ мубрам буда, унвонҷӯй кӯшиш намудааст, ки вижагиҳои луғавиву маъноӣ ва калимасозии исми ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачиро мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Вожашиносиву вожасозӣ аз масоили муҳимми илми забоншиносии муосир ба шумор рафта, омӯзиши онҳо ду самти илми мазкурро қувват мебахшад. Самти аввал, вожашиносӣ аз масоили мубрами илми забоншиносӣ маҳсуб ёфта, ба муҳаққиқи он имкон фароҳам меорад, ки қуфли дари хазинаи ниёгони миллати форсу тоҷикро боз намояд ва маънову баромади воҳидҳои лексикии забони адабиро муайян намояд. Мавзуи вожашиносӣ ба илми лексикология марбут буда, омӯзиши тамоми масоили лексикаи забони адабӣ, аз ҷумла муродифот (синоним), калимаҳои зидмаъно (антоним), калимаҳои ҳамшакл (омоним), сермаъноии калимаҳо (полисемия), наввожаҳо (неологизм), калимаҳои куҳнашуда (архаизм)-ро фарогир аст. Самти дувум, калимасозӣ ҳодисаи басо мураккаб буда, муайян намудани усул ва ошкор сохтани қонунҳои он ба таҳлили дурусти шарҳи илмии сохтори калима ёрӣ мерасонад.

Мақсади таҳқиқот аз он иборат аст, ки аз нуқтаи назари лексикӣ ва калимасозӣ ашъори шоирони садаи XIV - Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Салмони Совачӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, таҳқиқ ва мушаххас намудани таҳаввулоти маъноӣ ва сохторӣ, таҳқиқи қонунияти ғановати забон аз нигоҳи вожагон ва таркиби луғот муаррифӣ мешавад. Таҳқиқи хусусиятҳои луғавиву маъноӣ ва сохтории лексикаи забони адабии асри XIV, муқоисаи

вижагиҳои луғавӣ, қолибҳои калимасозии ашъори шоирони ин аср бо забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ бори нахуст сурат гирифтааст.

Барои амалӣ намудани мақсади аслӣ ҳалли вазифаҳои зерин зарур дониста шуд:

- таҳқиқу баррасии вижагиҳои лексикиву маъноӣ ва сохтории калимаҳои мураккаби навъи пайваст ва тобеъ дар мисоли ашъори шоирони асри асри XIV - Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ;

- муайян кардани мавқеъ, дараҷаи истеъмоли вандҳо ва муқоисаи онҳо бо забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ;

- таҳлилу таҳқиқи ҷузъҳои калимаҳои мураккаб аз рӯйи мансубияти забонӣ;

- таъйини қолибҳои хосаи исмҳои мураккаби пайвасту тобеъ;

- нишон додани саҳми калимаҳои тоҷикӣ дар ташаккули лексикаи забони адабии садаи XIV;

- муайян намудани нақши вожаҳои иқтибосӣ (арабӣ, ҳиндӣ, туркӣ, юнонӣ) дар ташаккули лексикаи забони адабии садаи XIV;

- муайян кардани мақоми муродифот, калимаҳои зидмаъно, калимаҳои сермаъно, калимаҳои ҳамшакл, наввожаҳо ва калимаҳои куҳнашуда дар ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ;

- муайян кардани лексикаи вижаи шоирони асри XIV.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки пажӯҳиши хусусиятҳои сохториву маъноии лексикаи забони адабии асри XIV ба омӯзишу дарки вижагиҳои луғавии ашъори шоирони асри мазкур – Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Салмони Соваҷӣ кумак менамояд. Таҳқиқи мавзуи мазкур дар муайян кардани мақоми калимаҳои тоҷикӣ ва иқтибосӣ дар ҷараёни вожасозӣ ва ташаккулёбии калимаҳои мураккаб мусоидат менамояд. Илова бар ин, вожаҳои аслӣ имконият доранд, ки воҳидҳои иқтибосии дигарро тобеъ намуда, калимаи мураккабро ташкил диҳанд. Дар ҷараёни таҳлили лексикаи ашъори шоирони садаи XIV вижагиҳои маъноиву шаклии онҳо баррасӣ гардида, ғаномандии забони тоҷикиро ба субут мерасонад.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсияи мазкур бори нахуст вижагиҳои калимасозӣ, хусусан, калимасозии морфологии исмҳо (вандҳои сермаҳсул, каммаҳсул, бемаҳсул), исмҳои мураккаби пайвасту тобеъ, хусусиятҳои лексикӣ (мақоми калимаҳои асливу иқтибосӣ) ва семантикии вожагони ашъори шоирони асри XIV дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, қолибҳои калимасозӣ ва хусусиятҳои лексикии ашъори шоирони мавриди таҳқиқ бо забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ мавриди қиёс қарор дода шудааст. Дар ин замина, таваҷҷуҳи алоҳида ба вожаҳои вижаи шоирони асри мазкур, ки бештари исмҳо дар қолиби ғайриизофат сохта шудаанд, равона шудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таълими фанҳои тахассусии забоншиносӣ, мисли калимасозӣ, забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, таърихи забони адабӣ, услубшиносӣ, маданияти нутқ истифода шаванд. Ҳамзамон, бахшҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд, ки ба сифати курсҳои махсус барои ихтисосҳои забон ва адабиёти тоҷики макотиби олии кишвар мавриди таълим қарор гиранд. Маводи ҷамъоваришудаи диссертатсия метавонад дар таҳияи фарҳангҳои тафсирии забони тоҷикӣ, фарҳанги ашъори шоирони садаи XIV (Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Салмони Соваҷӣ) ба кор равад.

Қисматҳое аз диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва дигар ҳамоишҳои илмӣ ироа шудааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот дар 31 мақола, аз ҷумла 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Кори диссертатсионии Калонова М.Ҷ. ба самтҳои афзалиятноки илм иртиботи қавӣ дошта, муаллифи диссертатсия - **Калонова М.Ҷ.** бо ҳимояи таҳқиқоти мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии **доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ** арзанда мебошад.

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи шуъбаҳои забони тоҷикӣ ва фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз санаи

22.04.2022 бо протоколи №4/22 қабул шудааст. Дар ҷаласа 9 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 9 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест, протоколи №4/22 аз 22-юми апрели соли 2022

Мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ
ва истилоҳоти Институти забон ва
адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ,
д.и.ф., профессор, узви вобастаи АМИТ — Назарзода Сайфиддин

Мудири шуъбаи забони тоҷикии Институти
забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ,
н.и.ф., дотсент — Мирзоев Сайфиддин

Имзои Назарзода С.
ва Мирзоев С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ — Нарзиқулова Ҳилола

Нишонӣ: Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
Тел: 227-29-07, 227-75-50
Почтаи электронӣ ва сомона: iza. rudaki@gmail.com
www.iza.tarena.tj